# Tajik State University of Commerce

**Course name: Introduction to Political Science**

**Week 3:** Pre-Islamic and Medieval Persian-Tajik Political thought

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 3:** Афкори сиёсии то исломӣ ва асримиёнагии форсу тоҷик

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Афкори сиёсӣ – иҷтимоии то исломии форсу тоҷик.

2. Афкори сиёсии асримиёнагии халқи форсу тоҷик.

3. Таълимоти сиёсӣ – иҷтимоии Аҳмади Дониш.

# 1. Афкори сиёсӣ – иҷтимоии то исломии форсу тоҷик

Афкори сиёсӣ- иҷтимоии халқи форсу тоҷик аз қадимулаём ба таври шифоҳӣ, бадеӣ ва нигоштаҳои фалсафӣ-ахлоқӣ акс ёфта, тули беш аз 5 ҳазор сол ташаккул ёфта, ғанӣ гаштааст. Гувоҳаш мисли «Худойномак», «Корнамоии Ардашери Бобакон», «Ҳафт хони Рустам», «Ёдгори Зарирон» барин сарчашмаҳо мебошанд.

Бузургтарин сарчашмаи хаттии мардуми ориёиасл «Авесто» (7-6 п.а.м.) ба шумор меравад, ки дар он афкори фалсафӣ-сиёсӣ ва ахлоқии Шарқи бостон, табақабандии иҷтимоии он ифода ёфтааст. Ба хусус талабҳои ахлоқии таълимоти Зардушт: «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» мардумро дар руҳияи оштинопазирӣ ба ҳама он тафаккур ва гуфтору рафторҳое, ки ба ҷомеа зарар мерасонанд, тарбия намуда, рисолати инсониро дар некӣ ва накӯкорӣ мебинад.



1

1.Dukhovno-nravstvennoe vospitanie studencheskoy molodezhi na primere Svyashchennoy Knigi ‘Avesta,’” Tajik State Medical University, accessed September 19, 2025, https://tajmedun.tj/ru/novosti/universitet/dukhovno-nravstvennoe-vospitancheskoy-molodezhi-na-primere-svyashchennoy-knigi-avesta/

Дар таълимоти Зардушт байни некӣ ва бадӣ муборизаи абадӣ буда, Аҳурамаздо ҷонибдори некӣ ва Аҳриман ҷонибдори бадист.

Зардушт орзу мекард, ки ҳокими халқро идоракунанда бояд дорои сифатҳои Аҳурамаздо бошад. Вай ҷонибдори яккаҳокимияте буд, ки дар он ҳама баробар буда, истисмори одам вуҷуд надошта бошад. Маҳз яккаҳокимиятиро шакли беҳтарини идоракунӣ дониста, таъкид кардааст, ки «ин ҳокими пурқувват, донишманд, адолатхоҳ ва тоза бошад»[1]. Аз нигоҳи Зардушт ҳокими нек, касест, ки оиди ҳаёти камбағалон ҳамеша фикр мекунад.

1.Р. Комилов, Утопические учения в истории таджикско-персидской культуры. Душанбе, 2001,- стр. 71.

Тибқи таълимоти Зардушт инсон дар рафти мубориза ба муқобили ҳама гуна зӯрӣ, таҳдид ва дигар амалҳои бад, на танҳо ғолиб мебарояд, балки пояи адлу инсофро боз устувортар месозад. Оиларо асоси ҷомеа дониста, онро натанҳо идомабахши ҳаёт, балки ривоҷдиҳандаи ҳаёти иқтисодӣ медонад. Аз назари Зардушт ҷомеаро бояд подшоҳи одил сарварӣ намояд. Вай дар «Ясно» навиштааст: «Ҳокимони золим ҳатто бо пора кори нек намекунанд. Онҳо қотилони бегуноҳонанд. Онҳое ки чунин ҳокимонро интихоб мекунанд, лоиқи ҷазои дӯзахананд».[1]

1. История таджикской философии. Том 1. стр. 376-377

Аз назари Зардушт инсон бояд озод бошад. Даъват мекард, ки «Эй мардум аз хоби ғафлат бедор шавед ва насими дилпазири инсониятро эҳсос кунед ва оҳанги дилнавози озодиро бишнавед, то ба сифати комилият даст ёбед. Ту эй фарзанди одам, озод офарида шудаӣ, то дар интихоби роҳи худ низ озод бошӣ. Инсони озод ва доно зиндааст, инсонест, ки гуфтори амиқ, таҳлил ва асири занҷирҳои ҷаҳлу фиреб ва зиштиву дуруғ набошад, аз ҳаёти воқеӣ фориғбол бошад.

Дар табақабандии иҷтимоӣ ҷамъиятро ба:

а) рӯҳониён

б) ҷанговарон

в) пешоварону кишоварзон

Дар ташаккули афкори динӣ-фалсафӣ ва ахлоқӣ-сиёсии форсу тоҷик монавия нақши барҷаста дорад.

Ин таълимот бо номи Монӣ (тақрибан 14 апрел 216, Тайсафун, Шоҳаншоҳии Ашконӣ — 2 март 274 ё 26 феврал 277, Гундишопур, Сосониёнӣ), донишманди барҷастаи замони худ, донандаи ҳама забонҳои зиндаи замонаш ва рассоми барҷаста вобастааст.

Таълимоти Монӣ аз Бобул то ба Чин паҳн шуда, дар ташаккули ақидаи фалсафии дини насронӣ, ки намояндаи барҷастааш Августин аст, саҳми амиқ гузаштааст.

Вай бар он ақида аст, ки инсон тавассути дониш ба саодат мерасад. Ба андешаи вай аз бадӣ ба воситаи зуҳд ва тозагӣ халос шудан мумкин аст ва барои ба ин дараҷа расидан танҳо дониш сабаб мешавад.

Монӣ муқобили дуздӣ, ғоратгарӣ ва моликияти хусусӣ буд. Гӯшанишинӣ ва бекориро кори хайр медонад. Монӣ инсонҳоро ба мубориза барои озодӣ аз зулмат даъват намуда, таълим медиҳад,ки инсон бояд озод бошад, то соҳиби саодати абадӣ гардад.

Маздакия (4-5 мелодӣ) - таълимоти динӣ - фалсафӣ ва иҷтимоист. Маздак соли 460 милодӣ дар Нишопур ба дунё омада, соли 529 аз ҷониби Хусрави Анӯшервон бо ҳамроҳии 12 ҳазор пайравонаш ба қатл расонида шудааст.

Аз рӯи ақидаи Маздак ҳамаи одамон бандагони Худоянд ва чун бандагони Худо баробарҳуқуқанд, барои ҳамин ҳам ҳама чиз дар байнашон бояд баробар тақсим карда шавад.

Тарғиби баробарии иҷтимоию ҳуқуқии Маздак дар пешрафти афкори озодандешии форсу тоҷик марҳилаи хеле муҳим буда, фарогири чунин ҳадафҳост:

1. ҳаракати маздакия аз рӯи қувваҳои ҳаракатдиҳанда ҳадаф ва хусусияташ ҳаракати иҷтимоист, ки ба муқобили беадолатии иҷтимоӣ нигаронида шудааст;

2. вай ифодагари манфиатҳои деҳқонони заҳматкашу косибон ва аҳолии миёнаҳол аст.

## Андешаҳои сиёсию иҷтимоии Маздакро профессор, Г. Зокиров чунин ҷудо кардааст:

1. чун одамон баробар офарида шудаанд, тақсими молу сарват дар ҷомеа низ дар ҳамин асос сурат гирад;
2. барои таъмини баробарии истифодаи сарватҳои моддӣ моликият бояд умумӣ бошад;
3. барои барқарории адолати иҷтимоӣ, ки асосан ба маънои баробарии моддӣ ё истифодаи баробарии «ишқ ва сарват» фаҳмида мешавад, истифодаи зуроварӣ ҷоиз дониста мешавад[1].

1. Zokirov, Gulahmad Nozimovich, Dissernet, accessed September 19, 2025, https://biblio.dissernet.org/person/ZokirovGN

# 2. Афкори сиёсии асримиёнагии халқи форсу тоҷик

Намояндагони машҳури афкори прогрессивии тоҷику форс Имоми Аъзам, Абӯалӣ ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Форобӣ, Унусурулмаолии Кайковус, Низомулмулк, Муҳаммад Ғаззолӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алии Ҳамадонӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддини Шоҳин ва дигарон мебошанд. Онҳо барои рушду инкишофи ҷомеа саъю кӯшиш намуда, ақидаҳои пешқадами худро дар осори гаронбаҳояшон баррасӣ намудаанд.

Имоми Аъзам (р) аз огоҳтарин марди дунёи сиёсат, соҳиби истеъдоди фавқулода дар илму фазл мебошад, ки аз асри VIII то имрӯз ҳамчун нобиғаи қарнҳо шинохта мешавад. Ҷанбаҳои фаъолияташон низ хеле гуногунпаҳлу буда, муҳаққиқон онро, айни ҳол, чунин хулосабардорӣ менамоянд, ки ӯ тамоми ҷомеаро **дар 3 бахш: мардумӣ, сиёсӣ ва илмӣ таҳлил намудааст**. Аз ин рӯ, ӯро барҳақ бузургтарин имом ва марди дунёи сиёсат меноманд.

Тамоми ҳаёт ва фаъолияти ин нобиғаи асрҳо моломоли ақидаҳои иҷтимоӣ ва андешаҳои илмӣ буд, аз ҷумла дар масъалаи ҳалли низоъҳо таҳаммулпазириро пеша гирифта, Имоми Аъзам мегӯяд, ки «аввал матлабро ба дурустӣ дарк намуда, бидуни шитобкорӣ роҳи ҳалли масъаларо дарёфт кардан лозим меояд. Замоне ҳукм содир кун, ки аз ҳар сӯ фориғи қалб ва мутмаин бошӣ, агар ба сулҳ розӣ шуданд, хуб, агар розӣ нагардиданд, пас мутобиқи шариат ҳукм кун».

Дар таълимоти Абӯнасри Форобӣ (872-951), ки ҳамчун «Муаллими Сонӣ» маъруф аст, фалсафаи иҷтимоӣ мақоми хоса дошта, бар он ақидааст, ки инсон барои ба камолу саодат расидан ниёзманди чизҳои зиёд аст, аммо онҳоро дар танҳоӣ ба даст овара наметавонад.

Дар фалсафаи иҷтимоию сиёсӣ андешаҳои ӯ дар бораи масъалаи саодат, озодии ирода, пайдоиш ва вазифаи давлат, шаклҳои давлатдорӣ, ахлоқи ҳамида ва тараққии ҷамъият аз роҳи эволютсионӣ аҳамияти махсус доранд.

Абӯнасри Форобӣ ҷомеаро ба:

1. Ҷомеаи комила - ҷомеаи комил (ҷомеаи фозила) ҷомеае мебошад, ки дар он инсонҳо барои расидан ба саодат (бахту некбахтии ҳақиқӣ) ҳамкорӣ ва ҳамзистӣ мекунанд.

Форобӣ ҷомеаи комиларо ба се навъ:

а) ҷомеаи бузург-иттиҳоди ҳамаи одамони кураи арз;

б) ҷомеаи миёна-иттиҳоди ин ё он халқ дар ҷузъе аз қисмати ободони кураи арз;

в) ҷомеаи хурд-иттиҳоди аҳли ин ё он шаҳр, ки ҷузъе аз маскани халқест.

2.

Ҷомеаи ғайрикомиларо бошад, - ба иттиҳоди деҳкада, иттиҳоди аҳли маҳалла, иттиҳоди аҳли кӯча ва иттиҳоди аҳли хонавода ҷудо намудааст.

Ба ақидаи Форобӣ Сарвар бояд дорои чунин хислати фитрӣ бошад: «узвҳои такомул ёфта, фаросат, хотираи хуб, зеҳни тез ва дурандеш будан, фикри худро аниқ гуфта тавонистан, аз хӯроку нӯшокии зиёд парҳез карда тавонистан, ҳақиқат ва тарафдорони онро дӯст доштан, дурӯғ ва дурӯғгӯйҳоро бад дидан; касби пурифтихор ва ҳурмати худро нигоҳ доштан: пул ва дигар василаҳои ҳаёти дунявиро бад дидан; душмани беадолатӣ ва зулму истибдод ва мустабид будан».

Осори муҳимтаринаш «Китоб-ул-маҷмӯъ», «Китоби таҳсил-ас-саодат», «Китоб-ас-сиёсат-ал-мадания», «Калом фил-ақл-ил-кабир», «Китоб фил-ақл-ас-сағир», «Китоб-ул-мухтасар-ил-кабир фил мантиқ», «Китоб-ул-бурҳон», «Рисола фи моҳият-ин-нафс», «Калом фил-ҷавҳар», «Уюн-ул-масоил», «Китоб-ул-мадхал фил-ҳисоб», «Мақола фи вуҷуби саноат-ил-кимиё вар-радд-ало мубтилиҳо», «Китоб-ул-мадинат-ил-фозила», «Ас-сиёсат ул-мудуния», «Рисолат-ул-мусиқа-ал-кабир» мебошанд.

Доир ба ҷамъият ва паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ хусусан, сиёсат ва муносибати илмӣ ба мушкилиҳои ҷамъиятӣ, нақши сарвар дар рушду нумӯъи кишвар ва устувории адлу инсоф Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) андешаҳои хеле ҷолиб баён кардааст.

Дар ақидаҳои иҷтимоию сиёсии худ Ибни Сино ҷонибдори ҷомеаи идеалӣ (олӣ) буд, ки ҳокими мутлақи он шахси донишманд ва ҳақиқатҷӯй бошад. Салтанати мутлақро ӯ беҳтарин шакли давлатдорӣ меҳисобид. Ибни Сино ҳам монанди Арасту одамро ҳамчун махлуқи ҷомеа нишон медиҳад.

Барои чунин ҳамкорӣ ба кулли аъзоёни ҷамъият қонуни ягонаи оқилона ва адлия лозим аст. Ҳамаи аъзоёни ҷомеа бояд ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб карда шаванд. Барои иҷрои ин вазифа Ибни Сино ҳамаи аъзоёни ҷомеаро ба се гурӯҳ тақсим менамояд:

1. садорат;
2. истеҳсолкунандагон;
3. ҳарбиён.

Ибни Сино дар яке аз асарҳояш «Тадбири манзил», ки ба тадқиқи масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ бахшидааст, чунин менависад: “Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамагӣ аз байн мераванд. Ва агар ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобею раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд”[1].

1. Ибни Сино, Рисолаи тадбири манзил. Теҳрон. 1319. Хуршедӣ. Саҳ.6

Сиёсатро Ибни Сино чун навъи санъат меҳисобад. Сиёсат ва муносибатҳои сиёсӣ – ҷавлонгоҳи на танҳо ақл, балки маҳорат низ ҳаст ва ба он бояд чун навъи санъати олӣ муносибат намуд. Бинобар ин маснади сиёсии давлатро, аз назари Сино, бояд подшоҳ ё султон сарварӣ намояд. «Дар тадбири умур ва ҳусни сиёсат сазовортарин мардум ба тафаккур подшоҳону шаҳриёронанд, ки Худо ононро зимомдори умури бандагони худ намуда ва барои танзими билод дорои тасаллут ва қудрат намудааст». [2]

1. Абӯалӣ ибни Сино. Осор.,– Ҷ. 2 Ирфон, Душанбе.–1980 –С.14

Оини сарварии подшоҳ ё султон, тибқи ақидаи вай, бояд қабл аз ҳама, аз омилҳои маънавӣ вобаста бошад. «Нахустин сиёсате, ки сазовор аст, инсон бо он оғоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси худи ӯст. Яъне, аввал, бояд дар ислоҳи нафси худ бикӯшад, сиёсату тадбирашро дар он кору кӯшиш ба кор бурда, хештанро солеҳу неку бинамояд. Ва агар касе аз уҳдаи сиёсати неку ва ислоҳи нафси худ барояд, он гоҳ боке бар вай нест, ки ба болотар аз он иқдом карда, ба сиёсати билод бипардозад. Яъне, касе, ки худро ислоҳ карда бошад, метавонад ба сиёсату тадбири умури мардум иштиғол варзад».[1]

1. Абӯалӣ ибни Сино. Осор.,– Ҷ. 2 Ирфон, Душанбе.–1980 –С.16

Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ (1058-1111) яке аз бузургтарин чеҳраҳои олами илму маърифати форсу тоҷик буда, дар рушду такомули илмҳои калом, фиқҳ, фалсафа, тасаввуф, тафсиру ахбори набавӣ ва ҷомеашиносии ҷаҳон нақши хосса дорад. Осори пурғановати ӯ нишонае аз нуфузи фавқулодаи эшон дар олами ислом буда, ӯро бо номи «Ҳуҷҷатулислом» муаррифӣ менамоянд.

Бояд гуфт, ки бештари ақидаҳои иҷтимоию сиёсии ӯ дар «Кимиёи саодат», «ал-Мунқиз миналзилол» ва «Насиҳат-ул-мулук» баён гардидаанд. Ҳатто баъзан андешаҳои ӯ дар асарҳои номбурда мазмунан такрор ёфта, ғояҳои орифонаю фалсафаи иҷтимоии мутафаккирро равшану возеҳ менамоянд. Ба монанди оне ки хулосаи «Эҳё улум-ад-дин» дар «Кимиёи саодат» ҳамчун матни мухтасар омадааст.

Мутафаккир воқеаи таърихи сиёсии хилофатро аз назари танқидӣ омӯхта, бо истифодаи ибораҳои мафҳумӣ онро ба «Шаклҳои сиёсат» тақсим менамояд ва онҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо месозад:

а) Сиёсати пайғомбарон ва ҳукми онҳо ба ашрофзодагон, фармонбардорон ва бар ҳама чизи аён бар ботину ниҳон;

б) сиёсати хулафо, султон ва шоҳ ва ҳукми онҳо ба одамони одӣ, бар ҳама чизи аён на бар ботину ниҳон;

в) сиёсати уламо ва ҳукми онҳо ба ашрофзодагон, на ба одамони одӣ, балки ба ботину ниҳон ва на ба аён;

г) сиёсати воизон (таблиғгарон) ва ҳукми онҳо ба мардуми одӣ, на ба ашрофзодагон, бар чизи аён на бар ниҳон.[1]

1. Мухаммад Газали. Наставление правителям. –Москва, Ансар –С.9-10.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар низоми роҳбарии давлату ҳокимиятдорӣ Ғазолӣ мақоми сарвари сиёсӣ, диндорӣ ва қобилияти фавқулодаи онро дар мадди аввал гузошта, сарварони сиёсиро шахсони худодод, ғайриодӣ ва соҳиби баъзе қувваҳои фавқулода медонад. Махсусан, дар ақидаҳои иҷтимоию сиёсии мутафаккир мавқеи вазир (мушовир) бо қобилияти баланди фикрию ахлоқӣ ва дурандешиву кордонӣ асоснок мегардад.

Ҳамин тавр, Имом Ғазолӣ низоми рукнҳои давлату давлатдориро дар иртибот бо ҳакимону вазирон, мушовирону дигар андешамандон вобаста намуда, мақоми ақлу имонро воситаи асосии рушду инкишофи ҷомеа ва дин медонад.

Афкори сиёсӣ-иҷтимоии асримиёнагии форсу тоҷикро бе саҳми Ҳусайн Воизи Кошифӣ (1420-1505) тасаввур кардан мушкил аст. Ин симои барҷастаи фарҳангӣ дар асарҳои худ: «Ахлоқи Мӯҳсинӣ», «Футуватномаи султонӣ», «Рисолаи Ҳотамия» оид ба тарзи давлату давлатдорӣ, ягонагии ҳокимияти динию дунявӣ, саҳми шахсони соҳибмансабу соҳибмақом ва ашхоси тавонгар андешаҳои ҷолибе баён намудааст, ки ҳоло ҳам пурарзишанд. Вай пойбарҷоии ҳокимияти давлатиро дар сиёсати босубот дида, таъкид месозад, ки низоми устувори ҷомеаро бе сиёсати хирадмандона таъмин намудан имконнопазир аст.

Сиёсатро ба ду навъ ҷудо менамояд. Сиёсати нафси худ ва сиёсати ғайри худ. Сиёсати нафс ба қоидаҳо ва хосиятхои ахлоқии одамон асос меёбад. Сиёсати ғайри худ ба ду навъ тақсим мегардад.

а) Сиёсати хосу мукаррибони даргоҳ;

б) *Сиёсати авомки ҳамаи одамони* бадхилоф ва бадтинатро доимо дар тарсу ҳарос;

Намояндаи дигари илму фарҳанги форсу тоҷик Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314-1386) мебошад. Бояд гуфт, ки ақидаҳои иҷтимоию сиёсии Алии Ҳамадонӣ бештар дар асараш «Захират-ул-мулук» инъикос ёфтаанд. Зикр бояд кард, ки ақидаҳои иҷтимоию сиёсии Алии Ҳамадонӣ ҷиҳатҳои хосси худро доранд. Ӯ ҳамчун донандаи бузурги фалсафаи ислом ақидаҳои худро дар боби сиёсат маҳз дар пайвастагӣ ба таълимоти ислом ва пайравӣ аз усулҳои ҳокимиятдории уламои расмии дин ва дигар сиёсатмадорони мусалмон созмон додааст.

Аз нигоҳи мутафаккир ёрмандӣ ба мардум ва ҳоҷати мусулмононро баровардан барои ҳоким аз тоат афзалтар аст, зеро ки: «шод кардани дили муъмин баробар ба тоати ҳамаи париён ва одамиён аст». Ин шарти дуюми файласуф мебошад, ки ҳар як подшоҳи мусулмон, то даме ки хоҷати шахси муҳтоҷро кафолат накунад, набояд, ки ба ибодат машғул шавад.

Ҳоким, тибқи таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, қабл аз ҳама, баҳри он бикӯшад, ки бо адлу эҳсон ва раҳму шафқати хеш дар дили раият ҷой бигирад ва маҳбуби онҳо бигардад ва ҳарчи метавонад аз такаббур худдорӣ намояд ва дурӣ биҷӯяд. Зеро фармудаанд, ки: «Беҳтарини подшоҳони шумо он касонанд, ки шуморо дӯст медоранд ва шумо эшонро дӯст медоред». Ба ақидаи эшон, бояд миёни подшоҳу раият риштаи мустаҳками дӯстӣ ва муҳаббат пойдор бошад, ки бунёди онро адлу инсоф ва эҳсони ҳокимон дар муносибат ба заифону бечорагон ташкил диҳад.

Умуман, дар таълимоти ин орифи бузург паҳлуҳои гуногуни давлату ҳокимиятронӣ бо ҷиҳатҳои ахлоқию динӣ инъинкос ёфтаанд. Ба ақидаи ӯ: «…ҳокими оқил бояд, ки аз хатари ҳукумат ғофил набошад ва қадри неъмати он ҳазрат дар ҳаққи худ бишиносад ва дар овони фароғат адл ва эҳсонро ба ҷанобаи ҳазрати Парвардигор васила созад… бар ҳоким ва подшоҳ воҷиб аст, ки аз хатари уҳдаи ҳукумат биандешад ва танфизи (иҷрои) умури бандагони ҳақро осон шуморад ва осори натоиҷи маразӣ ва номаразӣ хор наорад… бар давлати фонӣ эътимод накунад ва аз расвоӣ ва гирифтори қиёмат ёд орад. Айём, фурсат ғанимат дорад».

Дар маҷмӯъ, новобаста ба баъзе хурдагириҳои динӣ ақидаҳои иҷтимоию сиёсии Алии Ҳамадонӣ характери прогрессивӣ дошта, бештар ғояҳои баланди инсондӯстиро дар бар мегиранд. Ба гуфти ин файласуфи бузург: «...давлати дунявӣ чун боди даргузар ва чун хоби нопойдор аст. Ва оқил касеро тавон гуфт, ки ба хубӣ фирефта нашавад ва ба хаёле мағрур нагардад ва аз ҳоли ғофилони гузашта ибрат гирад...».[1]

1. Алии Ҳамадонӣ. Насиҳатнома / Таҳияи Х.Асозода. – Кӯлоб, 1993. – С.159-160.

Мутафаккири дигари шинохтаи халқи тоҷик, ки дар нимаи дуюми асри XIX умр ба сар бурдааст *Аҳмади Дониш* (1827-1897) мебошад. Ақидаҳои сиёсии ӯ дар «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» (ин рисоларо бо тарзи дигар «Рисолаи сиёсӣ» ҳам мегӯянд) хеле хуб ифода ёфтаанд. Дониш табиати ғоратгаронаи ҳокимияти амири Бухоро, сохти феодалию деспотикии идоракуниро сахт танқид намуда, баднафсӣ ва камбудиҳои мансабдорони дарбору рӯҳониёнро масхара мекард.

Аҳмади Дониш дар шароите ҳаёт ба сар бурдааст, ки дар аксари мамолики Ғарб инқилобҳои буржуазӣ ғалаба карда, дар тариқи давлату давлатдорӣ, мактабу маориф тарҳи нав рехта шуда буд. Дар аксари давлатҳои Ғарб ғояҳои сотсиалистӣ хеле васеъ доман густурда буданд.

Чун вай аз ҳолу аҳволи ғарбиён хуб бохабар буд, имкон дошт, то тарзи давлатдории Шарқу Ғарбро муқоиса намуда, баъзе ислоҳотро вобаста ба шароити мушаххаси Бухорои феодалӣ пешниҳод намояд.

Аҳмади Дониш хуб медонист, ки ҳукумат ва ҳокимиятдорӣ кори мушкил аст. Барои ҳамин сарвари давлат бояд марди бо фазлу хирад, ботаҷриба, адолатпараст, хушахлоқ бошад. Вай имони комил дошт, ки танҳо сарвари донишманд, хушахлоқу адолатпараст, дурандешу ватанхоҳ метавонад ҷомеаро дуруст идора созад. Вай таъкид мекард, ки сарвари давлат бояд кафили қонуният бошад. Агар кормандони давлатӣ вазифаашонро дуруст адо накунанд, зулмро ба халқ раво бинанд, тибқи қонун ба ҷазо гирифтор карда шаванд.

Вай аввалин  шахсест, ки дар афкори сиёсии форсу тоҷик оиди давлати дунявӣ чунин рукнҳоро пешниҳод намудааст.

а) Подшоҳи одили қоҳири зӯр, ки агар подшоҳ золиму заифҳол бувад, ҳамсоягон ба мамлакати ӯ тамаъ кунанд ва кишварро поймол намоянд;

б) Дар дастгоҳи идораи давлатӣ бояд шахсони донишманд, адлгустар амал кунанд, зеро агар амалдорони дастгоҳи ҳукумат золим, ҷоҳил  бошанду подшоҳ адлгустар  дар ин маврид низ шаҳр хароб шуда, мардум тарки он мекунанд, деҳаҳо вайрон мегарданд, чунки зулми амалдорон ин зулми худи султон аст.

а) Дар кишвар ба соҳаи тиб таваҷҷуҳи хоса бояд дод.

а) Дар шаҳр бояд обҳои ҷорӣ, дарёву наҳрҳо ва чашмасорҳо вуҷуд дошта бошанд.

Вай ҷонибдори подшоҳи маърифатпеша, адолатпарасти мудом дар андешаи рушди кишвар будааст.

Аз нуқтаи назари Аҳмади Дониш фаъолони давлатӣ бояд, ки шахсони хирадманд буда, соҳиби ҷаҳонбинии васеъ, боирода, серталаб, ҷиддӣ ва аз ҳама муҳим, онҳо бояд доимо дар бораи ризқи ҳаррӯзаи тобеони худ ғамхорӣ намоянд.

Дониш давлатро барои таъмини манфиатҳои халқ зарур мешуморид. Ӯ таклиф мекунад, ки ба вазифаҳои давлатӣ шахсонеро бояд интихоб намуд, ки ҳокимияти худро на барои сарватғундории шахсӣ, балки барои фоидаи халқи мамлакат истифода баранд.

Дар охири солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-уми асри XIX Дониш дар чунин ақида буд, ки бойигарӣ ва ҳокимияти зӯроваронаро қонунӣ ҳисобидан мумкин нест, чунки онҳо дар натиҷаи зӯроварию ғорати табақаҳои поёнӣ ба даст омадаанд. Тамоми бойигарии ҷаҳон бояд, ки дар байни ҳамаи одамон баробар тақсим карда шавад. Ба камбағалон лозим меояд, ки ҳуқуқҳои худро дар муборизаи хунину дуру дароз барқарор созанд, чунки золимон ҳеҷ вақт бо хоҳиши худ аз тамоми он чизи ғораткардаашон даст намекашанд.

## Адабиёт


1. Tajik State Medical University. “Dukhovno-nravstvennoe vospitanie studencheskoy molodezhi na primere Svyashchennoy Knigi ‘Avesta.’” Accessed September 19, 2025. https://tajmedun.tj/ru/novosti/universitet/dukhovno-nravstvennoe-vospitancheskoy-molodezhi-na-primere-svyashchennoy-knigi-avesta/
2. Р. Комилов, Утопические учения в истории таджикско-персидской культуры. Душанбе, 2001,- стр. 71.
3. История таджикской философии. Том 1. стр. 376-377
4. Dissernet. 2025. Zokirov, Gulahmad Nozimovich. Accessed September 19. https://biblio.dissernet.org/person/ZokirovGN
5. Ибни Сино, Рисолаи тадбири манзил. Теҳрон. 1319. Хуршедӣ. Саҳ.6
6. Абӯалӣ ибни Сино. Осор.,– Ҷ. 2 Ирфон, Душанбе.–1980 –С.14
7. Мухаммад Газали. Наставление правителям. –Москва, Ансар –С.9-10.
8. Алии Ҳамадонӣ. Насиҳатнома / Таҳияи Х.Асозода. – Кӯлоб, 1993. – С.159-160.
9. Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ахлоқи мӯҳсинӣ». - Нашр «Адиб». 1991.
10. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 288
11. Зокиров, Г. Таърихи таълимоти сиёсӣ. Душанбе: 2010. С.164.
12. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва Б. А. Ҳусейнов.

Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016

Ташаккури зиёд!